Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод гардидааст**

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки зери сиёсати пайвастаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, ин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ санаи 28 декабри соли 2023 соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд.

Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар ва ҳамзамон, субъекти фаъоли раванди ташвиқу тарғиби арзишҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, дар таъмини устувории давлати ҳуқуқбунёд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли мо саҳми назаррас дорад. Дар ин замина, таҳкими пайвастаи шуури ҳуқуқии кормандони ин мақомоти қудратӣ ногузир арзёбӣ мешавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Қодирзода Ғолиб Нуруллоро дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» аз зумраи он мавзуъҳое дарёфтем, ки маҳз ба масъалаи баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони ин ниҳоди ҳифзи ҳуқуқ бахшида шудааст.

Тақиқоти диссертант фарогири баррасиҳои илмӣ роҷеъ ба ҷанбаҳои назариявӣ, амалӣ ва дигар паҳлуҳои илмии падидаи шуури ҳуқуқӣ мебошад.

Дар таҳқиқот мубрамии мавзуъ, дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот муайян карда шуда, асосҳои методологии таҳқиқот ва заминаҳои эмпирикӣ ба таври зарурӣ истифода гардидаанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ифода менамоянд.

Аз натиҷагириҳои унвонҷӯ, бо такя ба таҳлили маводи оморӣ, ҳисоботу натиҷагирии вазъи риояи қонуният ва интизоми хизматӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин, хулосаи назарсанҷии миёни кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва шаҳрвандон гузаронидаи унвонҷӯ, бармеояд, ки имрӯз сатҳи касбият ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ беҳбудиро тақозо менамояд.

Сохтори рисолаи тақризшаванда аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дарачаи илмӣ ва замима (натиҷаи назарсанҷӣ) иборат буда, дар он мақсад, вазифа ва пайдарҳамии мантиқӣ дида мешавад.

Муаллиф тавонистааст, ки мавзуи таҳқиқотро бо риояи талаботҳои муқарраршуда дар сатҳи зарурӣ омода намуда, натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳоеро, ки барои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд заруранд, манзур намояд.

Дар баробари натиҷаҳои назарраси илмӣ, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ҳамзамон масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасад.

Аз ҷумла, унвонҷӯ ҳангоми пажуҳиши илмӣ якчанд омилҳои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро иброз намуда, нақши ислоҳоти соҳаро дар ин самт муҳим арзёбӣ менамояд. Раванди мазкур метавонад барои ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мувофиқи мақсад бошад, аммо маълумот дар бораи масъалаи мазкур дар матни автореферат камтар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, диссертантро зарур аст, ки ҳангоми ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба масъалаи мазкур андешаи хешро асоснок намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур анҷомёфта ҳисобида шуда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дорад, натиҷаи кори мустақилонаи муаллиф буда, натиҷаҳои он ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ, раванди қонунгузорӣ ва беш аз он, дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муфид мебошад. Инчунин, натиҷаҳои рисолаи тақризшаванда метавонад дар раванди таълим ва омодасозии мутахассисони мақомоти корҳои дохилӣ ва дар маҷмуъ, барои доираи васеи муҳассилину пажуҳандагони соҳаи ҳуқуқшиносӣ судманд истифода шавад.

Автореферати рисолаи илмии Қодирзода Ғолиб Нурулло ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат арзёбӣ мешавад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Раҳмон Д. С.

«Имзои профессор Раҳмон Дилшод Сафарбекро тасдиқ мекунам»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф. А.
19.10.2021

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Телефон: (+992 33 22) 2 35 06;
E-mail: info@kgu.tj